**Забони миллӣ рукни муҳимтарини давлатдорӣ буда, ҳифз ва ҳимоя намудани меъёрҳо ва аз осори гаронбаҳои пешин бой гардонидани захираи луғавии ин забони нобу шоирона вазифаи ҳар як соҳибватан мебошад.**

**Эмомалӣ Раҳмон**


*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

2 октябри соли 2020

№ 10-11 (125-126)


**11 ОКТЯБР – РӮЗИ ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН – 2020

### ОЁ МАН ҲУҚУҚИ ДАР ИНТИХОБОТ ИШТИРОК КАРДАНРО ДОРАМ?

- Бале, агар Шумо шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошед ва то рӯзи интихобот синнатон ба 18 расида бошад, ҳуқуқи иштирок карданро доред.

### КАЙ ВА ДАР КУҶО МАН БОЯД ОВОЗ ДИҲАМ?

- 11 октябри соли 2020 аз соати 6:00 субҳ то 20:00 бегоҳ Шумо ҳуқуқ доред дар участкаи интихоботии маҳалли зист (масалан, дар бинои мактаби маҳалла) овоз диҳед. Комиссияи участкавии интихобот на дертар аз 5 рӯз то интихобот Шуморо дар бораи ҷой ва вақти овоздиҳӣ бо хабарнома огоҳ месозад.

### ДАР РӮЗИ ОВОЗДИҲӢ МАН КАДОМ ҲУҶҶАТРО БОЯД БО ХУД ДОШТА БОШАМ?

- Дар рӯзи овоздиҳӣ ба шумо бо пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият (шиносномаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, корти идентификатсионӣ, шиносномаи дипломатӣ, хизматӣ ва ё умумишаҳрвандии хориҷии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти хизматчии ҳарбӣ, шаҳодатномаи ронандагӣ, шаҳодатномаи хизматӣ, шаҳодатномаи иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва собиқадори меҳнат (шахсони ба онҳо баробаркардашуда), шаҳодатномаи маъюбӣ, билети донишҷӯ, ҳарбӣ) бюллетени овоздиҳӣ дода мешавад. Бе ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият бюллетен дода намешавад.

## МАН ХУДАМ ОВОЗ МЕДИҲАМ







### ЧӢ ГУНА БОЯД ОВОЗ ДОД?

- баъд аз ворид шудан ба бинои овоздиҳӣ ба назди аъзои комиссияи участкавии интихобот рафта, ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсиятро пешниҳод намоед;
- дар муқобили насабу номи худ дар рӯйхати интихобкунандагон имзо гузоред;
- узви комиссияи участкавии интихобот ба шумо бюллетени интихобот медиҳад;
- пас аз гирифтани бюллетени интихобот ба ҳуҷраи (хонаи) овоздиҳии пинҳонӣ дароед ва бовар ҳосил кунед, ки Шумо дар он ҷо танҳоед;
- бо мазмуни бюллетени интихобот шинос шавед;
- дар бюллетени интихобот дар квадрати холӣ, дар муқобили насаб, ном ва номи падари номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мехоҳед ба тарафдорияш овоз диҳед, аломати ҷамъ + гузоред;
- агар Шумо бар зидди ҳамаи номзадҳо ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон овоз доданӣ бошед, дар бюллетени интихобот, дар квадрати холии сатри "муқобили ҳамаи номзадҳо" аломати ҷамъ + гузоред;
- бюллетени пуркардашударо ба қуттии интихобот партоед.

### ОЁ ПАДАРУ МОДАР, ҲАМСАРИ МАН Ё ЯГОН КАСИ ДИГАР МЕТАВОНАНД БА ҶОИ МАН ОВОЗ ДИҲАНД?

- Ҳаргиз не! Падару модар, ҳамсари шумо, фарзандон ва ягон каси дигар наметавонад ба ҷои шумо овоз диҳад. Шумо низ ба ҷои онҳо овоз дода наметавонед.

**Ҳар интихобкунанда як овоз дорад ва бояд шахсан овоз диҳад!**


**Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ – 42 www. kmir.tj; tajikistan.elections@gmail.com**

**Тел: +992 37 2211364, +992 37 2217678**


# ТАМАННИЁТИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ АМОНЗОДА ИЛҲОМ ТЕМУР БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ЗАБОНИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ИДИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОН

**Ҳамкасбон ва донишҷӯёни гиромӣ!**

Мардуми саодатманди кишварамон, аз ҷумла мову Шумо дар пешорӯи ҷашнҳо ва маъракаи муҳими сиёсие қарор дорем, ки ҳар кадом бароямон гуворо ва хеле муҳиманд. Инҳо Рӯзи омӯзгор (4 – уми октябр), таҷлили Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (5 – уми октябр) ва Интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (11 – уми октябр) мебошанд, ки беҳтар гардидани сифати таълиму тарбия, боло рафтани сатҳи донишу маърифат, рушду инкишофи минбаъдаи забон ва ободиву шукуфоии кишвари азизамон аз кору фаъолияти соҳибони ин касбу кор ва ҳисси баланди ватандӯстиву масъулиятшиносии ҳар як фарди ҷомеа, ки дар маъракаи сиёсии зикргардида ҳуқуқи овоз доданро соҳиб аст, вобастагӣ дорад.

Аз ин хотир, ҳамаи Шуморо бо ин ҷашнҳо самимона табрику муборакбод намуда, изҳори умед менамоям, ки ҳамчун зиёиёни пешқадам дар боз ҳам беҳтар гардонидани сифати таълиму тарбия, тайёр кардани мутахассисони баландихтисос ва татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" саҳми сазовор гузошта, дар Рӯзи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона иштирок менамоед ва ба ҷонибдории номзади арзанда овоз медиҳед.

**Омӯзгорон ва донишҷӯёни азиз!**

Забони миллӣ, ки мо ба он арҷ мегузорем, яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ буда, дар пойдорӣ ва таҳкими давлату миллат мақом ва нақши муҳим дорад. Тавре ки Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китобашон "Забони миллат – ҳастии миллат" таъкид кардаанд: "Арҷ гузоштан ба забони модарӣ омилест, ки сарчашмаи бақои ваҳдати миллӣ ва яке аз рукнҳои устувори давлатдорӣ ба шумор меравад. Зеро забони ширину шево ва шоиронаи тоҷикӣ дар масири таърих бақои миллати тоҷикро таъмин кардааст".

Чунин суханони арзишманду пурмуҳтавои Сарвари давлат ҳар як шахси ватандӯсту ватанпарастро водор месозад, ки ҷиҳати рушди минбаъдаи забон, ҳифз ва поку беолоиш нигоҳ доштани он, бахусус, татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" саъю кӯшиш ба харҷ дода, ба ин васила дар баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ ва забономӯзию забондонии шаҳрвандони мамлакатамон саҳмгузор бошад.

Забони давлатӣ бояд дар доираи меъёрҳои адабӣ густариш ёфта, аз ҳама гуна унсурҳои лаҳҷавӣ озод бошад.

Ҳақ ба ҷониби Президенти кишвар, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки мефармоянд: "Забони давлатиро бояд дар пояи меъёрҳои адабӣ устувор сохта, онро аз ҳама гуна қолаби сунъии бегона ва унсурҳои лаҳҷавӣ озод кардан лозим аст. Дар робита бо ин, таъкид месозем, ки инкишофи устувори забонро танҳо дар асоси риояи қоидаҳо ва қонуниятҳои меъёрӣ ва таърихии он таъмин кардан даркор аст"

Боварӣ дорам, ки Шумо омӯзгорони арҷманд дар амалӣ намудани ин гуфтаҳо ва дигар дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат, ки ба рушди ҳамаҷонибаи забони давлатӣ ва шукуфоии кишвари маҳбубамон мусоидат менамоянд, донишу малака ва маҳорати касбиатонро сафарбар менамоед.

Бо як ҷаҳон нияту орзуҳои нек бори дигар Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иди касбии омӯзгоронро бароятон муборакбод мегӯям.

# КАЛИДИ ДАРИ ГАНҶ

**Баъди чанд рӯз мардуми суханпарвари тоҷик яке аз муҳимтарин идҳои миллии худ – Рӯзи забони давлатиро ҷашн мегирад. Бале, аз он сабаб ин ҷашн муҳимтарин аст, ки маҳз мавҷудияти миллат аз мавҷудияти забони вай маншаъ мегирад ва яке аз нишонаҳои муҳимми миллат дар қатори Суруди миллӣ, Парчами миллӣ, ҳудуду сарҳад ва давлату давлатдорӣ ин доштани забони миллӣ мебошад. Бидуни шак вақте дар бораи миллат сухан меронем аввалин андеша сари он меравад, ки он миллат бо кадом забон сухан мегӯяд ва бо кадом шева такаллум мекунад.**

Як лаҳзаро мехоҳам рӯи коғаз биёрам. Соли 2006 дар сафари хизматӣ дар Маҷористон қарор доштам. Рӯзе ба саёҳати ҷойҳои таърихӣ баромадам. Дар соҳили дарёи Дунай, дар ҷое, ки ёдгорӣ ба қаҳрамонони миллии мардуми маҷор қад афрохтааст, машғули тамошо будам. Ногоҳ як наклиёти мусофиркаш он ҷо қарор гирифт ва аз он як гурӯҳ ҷавонону духтарони 20-25 сола фаромаданд. Чун ба ман наздик шуданд, шунидам, ки бо тоҷикӣ сухан мегӯянд. Ростӣ, ҳайрон шудам ва бо яке аз ҷавонон рӯ оварда, дар бораи аз куҷо буданашон пурсон шудам. Маълум шуд, ки аз шаҳри Ню Йорки Штатҳои Муттаҳидаи Америка омадаанду миллаташон яҳудӣ аст, вале забони муошырати оилавиашон тоҷикӣ мебошад. Бале, ин ҷавонону духтарон, ки замоне бобоҳояшон дар сарзаминҳои тоҷикнишин – Душанбе, Самарқанд, Бухоро ва дигар шаҳрҳо зиндагӣ кардаанд, то ҳанӯз забони тоҷикиро фаромӯш накардаанд ва онро пос медоранду ба он арҷ мегузоранд ва ҳатто то имрӯз дар чандин шаҳрҳои Америка, Исроил ва шаҳрҳои дигар нашрияҳо, студияҳои телевизионӣ, театрҳо доранд, ки бо забони тоҷикӣ амал мекунанд.

То замони ҳуҷуми арабҳо ва ҷорӣ гардидани дини ислом сокинони мамлакатҳои зиёде ба монанди Ироқ, Сурия, Миср, Либия, Судон, Тунис, Алҷазоир, Марокаш, Яман, Уммон ва ғайраҳо забони дигар доштанду ба миллатҳои дигар мансуб буданд. Ва аз ҳеҷ офарида пӯшида нест, ки дар ҳамаи давру замонҳо миллати ғолиб ба миллатҳои мағлуб забон, фарҳанг, ақида, ғоя ва иродаи худро қаҳрану ҷабран таҳмил менамояд ва ҳамаи мероси таърихии миллати мағлубро аз хотири ӯ зудуда мегардонаду онро куфр, ҳаром, макруҳ, ваҳшиёна ва ботил ҳукм мекунад. Оё медонед, ин амал ба кадом хотир анҷом дода мешавад? Мақсад як чиз аст. Ҳар қадар, ки хотираи таърихии миллат зудуда шаваду аз асли худ дур гардад, ҳамон қадар истисмор кардани он осонтар мешавад, вай ғурури миллии худро аз даст медиҳад. Вақте миллат ҳувияти аслии худро аз даст дод, дигар шӯру исён намекунад, сарафкандаву мутеъ мешавад, дастнигару сархаму бечора мегардад. Ба қавли Аллома Иқболи Лоҳурӣ:

**Ҷабраилеро агар созӣ ғулом,**
**Барфитад аз гумбази олимақом.**

Яъне Ҷабраил, ки мустақиман бо парвардигори олам роз мегӯяду такаллум мекунад, агар як лаҳза ғулом шавад, бечораву паршикаста мегардад. Тавре гуфтем, миллатҳои зиёде забону фарҳанги худро аз даст доданду ба дини мусулмонӣ гаравида, забони арабиро забони миллии худ қарор доданд. Арабҳо бисёр кӯшиш ба харҷ доданд, ки забони форсию тоҷикиро низ аз байн бубаранду дар қаламрави он забони арабиро ҷорӣ созанд. Ба ин амр то андозае муваффақ шуда бошанд ҳам, ба таври куллӣ ба мақсади худ нарасиданд. Сабаб чӣ буд? Сабаб он буд, ки фарҳангу тамаддуни мардуми Ориёӣ дар бузургию тавоноӣ аз тамаддуни истилогарони аҷнабӣ забардасттар буд. Танҳо як ҷашни оламафрӯзи Наврӯзи хуҷастапай, ки дар рагу пайванди мардуми Ориёӣ ҷо гирифта буду фалсафаи чандинҳазорсолаи он бо хуни Ориёӣ омезиш ёфтааст, чун устухоне дар гулӯи истилогарон дармонда буд. Ё таълимоти покизаи оини зардуштӣ, ки гавҳари аслии он некию накӯкорист, ба ҳеҷ василаву баҳонае аз хотираи таърихии ин миллати фарҳангӣ ҳатто тавассути тиру камону табару теша зудуда намегардад. Ва ниҳоят баъди чанд аср ҷорӣ гардидани ислом Фирдавсии бузург «Шоҳнома»-и безаволи худро иншо кард, ки дар он ҳикмати миллатдӯстию меҳанпарастӣ мояи асосии ин кохи бузурги суханро ташкил дода, дар тимсоли Рустам тамоми афкору андешаи худшиносию миллатдӯстии мардуми Ориёиро ҷамъбаст намуда, тамоми ҳодисаю воқеаҳои замонаро дар гирди ин абармарди матинирода ва ватанпарасти бесобиқа чарх мезанонад.

Ин ҷо қайд кардани як нуктаи нозук қобили таваҷҷуҳи хоса аст, ки оё хонандаи гиромӣ андеша кардааст, ки чаро Рустам фарзанди худ Суҳроби пилтанро ба ҳалокат мерасонад? Баъзеҳо бар ин ақидаанд, ки Рустам аз рӯи ноогоҳию нашинохтанаш Суҳробро қатл месозад. Аммо, ба ақидаи мо, Фирдавсии сеҳрнигор бисёр нозуконаю борикбинона ин нуктаро ба қалами тасвир кашидааст. Ба андешаи мо чунин тахмин меравад, ки ин ҷо ҳадафи асосӣ дигар аст. Барои Рустам Ватани азизаш аз ҳама чизи дунё болотару волотар аст, на чизи дигар. Азбаски Суҳроб бар зидди Эрон омада буд, агар Рустам аз ин қазия, яъне фарзанди ҷигарбандаш будани Суҳроб хабардор ҳам мешуд, ногузиру ноҷор ӯро ба ҳалокат мерасонид, зеро эмин нигоҳ доштани кишвараш барои ӯ аз ҳама сарвату дороии дунё ва наздикону пайвандон муқаддамтару муқаддастар арзёбӣ мегардид, яъне:

**Ҳар он, к-ӯ мухолиф ба ин Меҳан аст,**
**Агар ӯ бародар бувад, душман аст.**

Фирдавсии ҳушманд зимни ба қалам кашидани тимсоли дигар – Мардоси араби биёбоннишин ва писари хунхору хуношоми вай Заҳҳок ба мардуми ориёнажод ҳушдор додааст, ки зираку ҳушёр бошанд ва ҳеҷ гоҳ фирефтаи макру ҳияли душманон нагарданд ва агар як лаҳза ғофил шаванд, душманон мағзи сари фарзандони навраси ҳанӯз ҷавонӣ надидаи онро тӯъмаи морони одамхӯри бодиянишинон мекунанд. Ва низ Фирдавсии бузургвор барои аз зери султаи Заҳҳоки морон озод кардани мардуми озодаи Ориёӣ Коваи Оҳангари

**Мурда фарзандони чандин қарни**
**Эрон зинда кард,**
**Аз лаби Омӯя то дарёи Уммон зинда кард.**

Ва ин ҷо саволе ба миён меояд, ки пас чаро Фирдавсӣ бо ин қадар заҳмату машаққат, бо ин қадар кӯшишу матонат, бо чунин ҷавонмардию ҷоннисориҳо ба таъқибу таҳқиру носипосӣ ва қадрношиносӣ рӯбарӯ гардид? Бале, агар акси ин амалҳо мешуд, шояд он гоҳ боиси таҳайюру ҳайронӣ мегардид. Зеро вақте Фирдавсӣ «Шоҳнома»-ро ба итмом расонид, дар сари ҳукумат аллакай ғазнавиҳо қарор доштанд ва давлати Сомониён, ки сарварии онҳоро гузаштагони бузурги мо ба уҳда доштанд, сукут карда буд. Аз ин лиҳоз, ғазнавиҳо сарояндаи матонату далерии Рустаму баланд рафтани ҳисси миллатдӯстию меҳанпарастии озодагонро намеписандиданд. Ин аст, ки муаллифи закию шуҷоъ ва меҳанпарасту миллатпарварро офаридааст, ки баҳри озодии Ватан пешдомани оҳангарии худро чун ливои озодихоҳӣ баланд афрошта, интиқоми 18 нафар писарони ҷавонмарги тӯъмаи морони Заҳҳоки хунхор гаштаашро меситонад. Ба ин восила Ватани зери истилои аҷнабиҳо қарордоштаро аз асорату ғуломӣ раҳоӣ мебахшад ва ҳукмфармоиро ба дасти намояндагони нажоди ориёӣ - Фаридун месупорад.

Вақте аз як нафар савол мекунанд, ки чаро мардуми ориёӣ, яъне намояндагони миллати тоҷику форс забони миллии худро бо вуҷуди ваҳшонияту даҳшатҳои зиёд аз даст надода, онро ҳифз намуданд?

Ӯ ҷавоб додааст, миллате, ки мисли Фирдавсию «Шоҳнома»-и безаволи ӯ асаре дошта бошад, ки хотираи таърихии миллии онро, ҳисси миллатдӯстию меҳанпарастиро дар ҳар рагу бофтаи ӯ ҷойгир намояд, ҳеҷ гоҳ забону фарҳангашро аз ёд намебарад ва онро ба таври ҳамешагӣ маҳфуз нигоҳ медорад. Зеро мавҷудияту офаридани чунин як асаре ба монанди «Шоҳнома» чун масунияти (иммунитет) бузургест барои ҳар як миллату халқият.

Дар ҳамин иртибот мебояд таъкид кард, ки «Шоҳнома»-и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ на танҳо барои баланд шудани сатҳи худшиносии миллии ориёиён, балки барои худшинос гардидани халқҳои Қафқоз ва дигар миллатҳо низ хизмати бузургеро анҷом додааст.

Нақле шунидаам, ки фарзанди бузурги миллати рус, яке аз намояндагони фозили ин миллат Чернишевскийро барои ақидаҳои озодманишиаш ба Сибир бадарға мекунанд, ҳангоми гузаштани назорати гумрукӣ аз борхалтаи ин адиби равшанфикр ду китоб пайдо мекунанд, ки яке «Инҷил» (Библия) ва дигаре «Шоҳнома» буд, ки онҳоро мисли гавҳараки чашм нигоҳ медошт. Аз ин гуфтаҳо хонандаи закӣ хулоса намояд, ки чӣ арзиши бузургеро дар назди ҷаҳониёни бофарҳанг «Шоҳнома» молик аст.

Шоири дигаре фармудааст:

**Он шунидастам, ки Исо мурдаеро зинда кард,**
**Мурдаеро зинда карду номи худ поянда кард.**
**Номи гетӣ шуд мусаххар аз тариқи дини ӯ,**
**Шуд ҷаҳон ойинадори чеҳраи ойини ӯ.**
**Ҳар ду фарсах як калисое бапо бо номи ӯ,**
**Гашт таърихи ҳама таърихҳо айёми ӯ.**
**Вақф шуд якшанбеҳо аз баҳри номи неки ӯ,**
**Рӯзу шаб ноқусҳо гӯяндаи табрики ӯ.**
**Алғараз аз мардумони Сибрийӣ то Омирик,**
**Доиман таъзиму такрим аст бар он номи нек.**
**Гар ҳакиме мурдаеро зинда созад инчунин,**
**Баҳри ӯ таъзиму такрим аст дар рӯи замин.**
**Баҳри Фирдавсӣ чӣ бояд кард, к-ӯ**
**аз кори хеш,**
**Яъне аз нерӯи табъу мӯъҷизи гуфтори хеш.**

чунин асареро амсоли «Шоҳнома» кофиру рофизию қарматию маздакию маҷусӣ эълон карда, ҷанозаи ӯро ҳатто ба мазори мусулмонон роҳ надоданд.

Бале, Фирдавсиро, ки:

**Ба номи Худованди ҷону хирад,**
**К-аз ин бартар андеша бар нагзарад.**

гуфта, Худованди Коинотро ситоиш кардааст, ба пешонааш тамғаи кофирӣ заданд.

Дар бораи зиндагинома ва осори Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ бисёрҳо навиштаанд ва нисбати ӯ дар байни табақаҳои гуногуни ҷомеа ақидаҳои мухталиф вуҷуд дорад. Агар дар миёни олимони адабиётшинос ва ҳикматдон нисбати Носири Хусрав афкори мусбӣ вуҷуд дошта бошад, доир ба муносибати аҳли тақво роҷеъ ба ин марди хирад, ки фарзонатарин намояндаи миллати Ориёӣ дар аҳди хеш буд, як ақида ё хулосаи нохушоянду манфӣ роиҷ аст. Ба ин донишманди бузург ҳар гуна тамғаҳои тӯҳматангез зада шуда, кӯшишҳо ба харҷ дода мешаванд, ки номи неки ин нобиға доғдор ва маҳбубияти ӯ дар назди мардум коста гардонида шавад. Борҳо дидаву шунидаем, ки ӯро рофизию маҷусию зардуштӣ ном мебаранд, бехабар аз он, ки гуноҳи ӯ фақат ва фақат як чиз аст, вай ҳисси баланди ифтихори миллии Ориёӣ дошт ва ҳеҷ гоҳ ба душманони манфури миллат сар намефаровард. Дар осори абадзиндааш беҳтарин арзишҳои инсониро аз қабили некию некӯкорӣ, ҷавонмардию саховатмандӣ, меҳру муҳаббати поки инсонӣ, меҳанпарастию миллатдӯстӣ, хештаншиносӣ, ба даст овардани илму ҳунар, садоқату матонат, арҷгузорӣ ба волидон ва дигар ахлоқи ҳамидаро тараннум кардааст. Аз рӯи инсоф бояд гуфт, ки оё имкон дорад, ки муаллифи суханони зерин метавонад рофизӣ ё худ маҷусӣ бошад:

**Беҳин коре, ки андар зиндагонист,**
**Накӯхоҳӣ ба кас роҳатрасонист.**
**Ту гар тавфиқ дорӣ, ҳам бар он бош,**
**Накӯхоҳу ба кас роҳатрасон бош.**
**Ба лутфу марҳамат дилҳо нигаҳ дор,**
**Кас аз дасту забони худ маёзор.**
**Ба корафтода коромӯз мебош,**
**Ба ҳар дилсӯхта дилсӯз мебош.**
**Илоҷи дардмандон кун ба ҳар дард,**
**Ки ҳар кас, к-ӯ ҷароҳат кард бад кард.**
**Чу марҳам хастаро роҳатрасон бош,**
**Ба сахтӣ чораи бечорагон бош.**
**Ба пирӣ хизмати модар падар кун буд,**
**Ҷавонию ҷунун аз сар бадар кун.**
**Ки парвардаст модар дар канорат,**
**Падар буд солҳо темордорат.**

Магар дар бораи меҳру муҳаббати инсонӣ, умуман инсондӯстӣ, инсон будан ва асосан вазифаи инсонӣ аз ин болотару волотар оё дар адабиёти ҷаҳонӣ касе беҳтар сухан гуфтааст? Бояд ин гуфтаҳо пештоқи идораи Созмони Милали Муттаҳидро оро бидиҳанд, зеро дар бораи вазифаи одаму одамият аз ин суханҳо дида касе ба (ҷуз ҳазрати Саъдӣ) беҳтару хуштар сухан нагуфтааст.

Сабаби аслии ба таъқиби душманони миллат гирифтор шудани Носири Хусрав он аст, ки вай дар он давраи ниҳоят ҳассос, ки давлати Сомониён аз ҷониби сулолаи ғуломони туркнажодашон рӯ ба инқироз оварда, ғуломони дирӯза акнун даврони салтанат меронданду мехостанд ҳамаи нишонаҳои бо салтанати давлатмардони Ориёӣ алоқамандро аз байн бубаранд, рӯирост ва бепарда онҳоро мазаммат мекарду муборизаи оштинопазир мебурд.

Бале, ин абармарди миллат ҳаммилатони худро ба муборизаи зидди душманон даъват мекард, дар пеши истилогарону ғосибон таъзиму такрим карданро барои мардуми ориёинажод шармандагӣ мешуморид. Маҳз оқибатҳои озодихоҳӣ ва миллатпарварии ӯ буданд, ки ҳукуматдорони давр ғазнавиҳо ва, албатта, бо дастгирии рӯҳониёни мутаассиб бар зидди ӯ бархостанд ва то андозае муваффақ шуданд, ки мардумро ба муқобили ӯ бишӯронанд.

Ҳакими бузургвор ин қазияро дар «Сафарнома»-аш хеле хуб ба қалам кашидааст, ки ниҳоят ибратангезу пандомӯз мебошад. Нақл мекунад, ки рӯзе дар дӯкони мӯзадӯзе нишаста буд. Ногоҳ шӯру валвала бармехезад. Ҳама ба сӯе медаванд. Мӯзадӯз низ аз пайи издиҳоми ба шӯр омада рафт ва баъди чанде баргашта омад. Ӯ дар дасти худ чӯбе дошт, ки дар сари он пораи гӯште буд ва аз он хун мечакид. Вақте ба дӯкон даромад, хеле асабонию дар ғазаб буд, аз қазия пурсиданд, ҷавоб дод:

“- Он ҷо нафареро бо номи Носири Хусрав куштанд, ки рофизию қарматӣ аст. Ҳар кас порае аз гӯшти бадани ӯро пора карда бигирад, савоби зиёдеро молик мешавад. Мо низ ба ин савоб шарик шудем”.

Чун инро мешунавад, Носири Хусрав аз дил мегузаронад, ки ба нафари бечораи бегуноҳе барои мушобеҳ буданаш чунин рафтор мекунанд, пас агар Носири Хусрави ҳақиқиро бубинанд, чӣ гуна муносибат мекарда бошанд? – гӯён фирор мекунад. Ба ҳамаи мо маълум аст, ки ин донишманди бузург аз таъқиби душманон гуреза шуда, дар миёни кӯҳҳои сарбафалаккашидаи Бадахшон ҷон ба саломат мебарад ва охири умри худро инҷо сипарӣ менамояд. Мардуми фарҳангдӯсту адабписанди Бадахшон ба ӯ иззату икром зоҳир карда, то ҳанӯз хотираи неки ӯро пос медоранд.

Бале, барои пойдориву устувории забони ноби тоҷикӣ бисёр бузургони миллат ҷоннисориҳо кардаанд, имрӯз ин забони шевою ноби тоҷикӣ давраи эҳёи нави худро аз сар мегузаронад, миллати суханпарвари тоҷик бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пуштибону ҳомии ин забони шеър, ин ганҷинаи гавҳари маонӣ - забони тоҷикӣ мебошанд.

Дар бораи забони тоҷикӣ метавон бисёрҳо навишт.

Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ гуфтааст:

**Забон дар даҳон, эй хирадманд, чист?**
**- Калиди дари ганҷи соҳибҳунар.**
**Чу дар баста бошад, чӣ донад касе,**
**Ки гавҳарфурӯш аст, ё пиллавар.**

Бузургони миллати мо дар ҳар давру замоне барои пойдориву устувории забони ноби тоҷикӣ заҳматҳои зиёде кашидаанд, ҳатто дар баъзе мавридҳо мартабаи забонро ба ҷони одамӣ дар як сатҳ гузоштаанд:

**Беҳтарин гавҳари ганҷинаи ҳастӣ сухан аст,**
**Гар сухан ҷон набувад, мурда чаро хомӯш аст?**

Миллати шарафманди мо имрӯз бо он ифтихор дорад, ки баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ забони миллати мо – забони тоҷикӣ мартабаи баландеро ба худ касб намуда, тамоми фаъолияти сиёсии дохилию хориҷии кишвари мо бо забони давлатӣ ба амал бароварда мешавад, ки ин боиси ифтихору шарафмандии соҳибони ин забон мебошад. Танҳо баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ аввалин маротиба аз минбари муътабартарини ҷаҳон – Созмони Милали Муттаҳид Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ин забони шевою шоирона сухан гуфта, ба ҷаҳониён дар бораи ҷаҳду талоши созандаи миллати сулҳпарвару озодидӯсти тоҷик мужда расонид.

**Нуриддин АМИРӢ,**
**муаллими калони**
**кафедраи фанҳои**
**гуманитарӣ**

# ИФТИХОРИ МО БУВАД, ЗАБОНИ МОДАРӢ

**Ифтихори мо бувад, забони модарӣ,**
**Аз ниёгон монда моро лафзи шевои дарӣ.**

Забони модарӣ лафзи бузург, ширину муқаддасест, ки барои ҳар як инсони комил баробари пайдо шудани чон дар бадан пайдо мешавад. Ҳанӯз тифле, ки нав ба олами ҳастӣ чашм боз намудааст, ба аллаи модар, ки бо забони модарӣ сурат мегирад, ниёз дорад ва тахти навои форами он худро озоду бофароғат ҳис мекунад, унс мегирад, интизорӣ мекашад, то ба ин лафзи поку муқаддас ҳарфе бишнавад. Сазовори навои баландмазмуни модари азиз гардад. Зеро он азиз аст, шево садо медиҳад ва аз лаҳни форамаш дилу дида, ҷону дил ором мегирад, зеро он лафзи модарист.

Он дилчаспу гуворост, он маҳбубу қарин ва меҳрафзост. Аҷаб гуворост лафзи модар. Аҷаб ширину беолоиш ва қарини дилхост. Аҷаб ҳаётбахш, суфтаю ба дил қарин аст забони модарии бузург.

Мо мефахрем, ки ин забони модарӣ забони баландҳиммате аст, ки Саъдию Ҳофизи бузург, Синою Хайём, Бедилу Низомии зинатофарини ҳаёт, бо он ҳарф мегуфтанд. Забоне, ки Айниву Лоҳутӣ, Бозору Лоиқ номдораш гардониданд, ки имрӯз аз ҳастии бузургаш меболем.

Забони тоҷикӣ яке аз забонҳои қадимаи дунё ба ҳисоб рафта, таърихи қадима дорад. Имрӯз ин забони муқаддасро чун забони бузурги тамаддуни башарӣ ҳамагон мешиносанд. Инро дидаву шунида, мо соҳибзабонон низ вазифадорем, ки забони бузурги модариамонро поку беолоиш нигоҳ дошта, дар тозагиву равонии он ҳамарӯза саҳмгузор бошем. Зеро фармудаанд:

**Забони модарӣ фархунда доред,**
**Шумо, ки ворисони рӯзгоред.**
**Барои ҳар каломи поки модар,**
**Даруни синаҳо ҳайкал гузоред.**

Вазифаи ҳар як тоҷикзабон пеш аз ҳама аз он иборат аст, ки барои поку беолоиш ва орӣ аз камбудиву нуқсонҳои ғайр ё забони бегона сухан гуфтан алфози модарии хеш саҳмгузор бошем. Ҳар як инсон пеш аз оне, ки бо дигар забон сухан ронад, қабл аз ҳама бояд донандаи забони модарии хеш бошад. Воқеан, агар кас забони худро донад, омӯхтани дигар забонҳо барояш осон мегардад:

**Ҳар кас ба забони худ сухандон гардад,**
**Донистани сад забон осон гардад.**

Ба ифодаи Турсунзодаи бузург: «Забони мо хеле устувор аст, мо имрӯз ҳам ашъори Рӯдакиро аз нусхаи аслаш мутолиа мекунем». Пас, бе мулоҳиза метавон гуфт, ки забони тоҷикӣ чун лафзи фасеху равон, содаву фаҳмо, ҳанӯз дар замонҳои зиндагии Рӯдакии бузург бо сухани бузург вуҷуд доштааст ва дар ташаккули забони порсии дарии тоҷикӣ саҳми босазое гузоштааст. Ӯ эътиқоди ҳамасрони худро нисбат ба анъанаи забони арабӣ тағйир дод ва назари илму адаби замонашро ба сӯйи забони модарӣ нигаронд. Намунаи содагии забони шеъри Рӯдакӣ нишон медиҳад, ки ӯ дар таърихи забону адабиёти мо ҳақиқатан ҳам нақши босазо гузоштааст. Дар қатори ӯ садҳо бузургони хирад дар барқарор гардидани забони тоҷикӣ хидмати босазое намудаанд.

Мо насли имрӯз хушбахт аз онем, ки забони мо дорои таърихи куҳан ва ганҷинаи бебаҳост. Бо қарори Созмони Милали Муттаҳид 21 феврали соли 2002 Рӯзи байналмилалии забони модарӣ эълон гардидааст. Аз 22 - юми июли соли 1989 бо қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон забони давлатӣ - забони тоҷикӣ эълон гардид. 5 октябри соли 2009 тахти № 553 Қонун дар бораи забон бори дигар қабул гардид, ки вазъи ҳуқуқии забонро муайян мекунад.

Ба гуфтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Забони тоҷикӣ поянда аст, то даме, ки миллати тоҷик ҳаст, забони ӯ низ пойдор хоҳад буд».

Имрӯз мо, тоҷикзодагони асил ҳамеша пайи он мекӯшем, ки забони миллати хешро пок, беолоиш ва пойдор нигоҳ дорем, чунки забони модарии мо шаҳди ҳаёт аст, ки мо тоҷиконро бо шири модар бурун омада ва баробари ошомидани шири сафеду лазизи модар дар дилу дида ва мағзи устухону ҷон самар додааст. Он муқаддасу гуворо ва азизу мӯътабар буда, тоҷиконро болу пар бахшида, фарди тоҷик бо ин болу пари бузурги хеш дар парвозҳои баланд аст, зеро ин забонро ҷаҳониён эътироф мекунанд:

**Забони модариам ифтихорам,**
**Саодатбахши халқи номдорам.**
**Дар олам аз ҳама ширинтарӣ ту,**
**Ба Синову Хайёмат саҷда орам.**

**Кубриё НУРОВА,**
**дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ**

# ЗАБОН - ПОЯИ МИЛЛАТ

Номи забон одатан аз номи халқҳои соҳиби забон пайдо шуда, забони форсӣ ҳам аз номи қабилаҳои ориётабори порсҳо гирифта шудааст. Ин қабилаҳо ҳудуди 3-4 ҳазор сол қабл аз сарзаминҳои Осиёи Марказӣ ба Ғарб кӯч баста буданд. Минбаъд бо пайдо шудани ду хонадони бузурги шоҳаншоҳӣ Ҳахоманишиён ва Сосониён номи ин халқи эронитабор ба минтақаҳои дигар паҳн шуд ва хусусан номи забони форсӣ паҳн гардид ва оҳиста-оҳиста ба ҷои «дарӣ» ва «тоҷикӣ» истифода гардид. Номи забони тоҷикӣ ҳам ба номи халқи тоҷик алоқаманд буда, таърихи дерина дорад. Бар хилофи қабилаҳои форсӣ ин қавмҳо ба таври доимӣ дар ватани худ ду тарафи дарёи Амӯ боқӣ монда, номи худро аз калимаи «Тоҷ» гирифтаанд. Яъне забони тоҷикӣ яке аз забонҳои бостонӣ ва соҳибхати олам буда, се марҳалаи тӯлонии инкишофро аз сар гузаронидааст: забони форсии қадим, забони форсии миёна ва забони форсии нав. Зиёда аз ҳазор сол аст, ки халқи тоҷик бо шеваи тоҷикӣ гуфтугӯ карда, фарҳанги беназири худро чун хатти сабз аз як китоб ба китоби дигари таърихӣ сабт мекунад. Ин забон забони қадимтарини дунё, забони мардуми одии меҳнаткаш, ҳунармандону косибон, забони олимону шоирони машҳури рӯйи олам аст. Имрӯз ин забон умри дубора ёфта, боз ҳам мукаммалтар гардида, ҳамчун забони давлати мустақил рӯ ба тавоноӣ овардааст. Саводомӯзӣ аз омӯхтани забони модарӣ сар мешавад.Яке аз шартҳои мавҷудияти миллат ва давлат донистани забони худ аст.

**Эй забон ҳам оташу ҳам хирманӣ,**
**Чанд ин оташ дар ин хирман занӣ.**
**Эй забон ҳам ганҷи бепоён туӣ,**
**Эй забон ҳам ранҷи бедармон туӣ.**

Забон воситаи муҳимтарини алоқаи байни одамон буда, яке аз шоҳаҳои асосии пойдории миллат, яъне оинаи фарҳангии халқ аст. Ҷомеа ва забон баробар пайдо шудаанд ва зуҳури ҳарду ба меҳнат вобастагӣ дорад. Забони модарӣ калидест, ки қалъаҳои маърифат ва тафаккури инсониятро ба рӯи ҳар шахси бофаросат мекушояд. Ҳифзи ин сарвати беназири миллат, яъне забони модарии худ барои донистани дигар забонҳо ҳамаҷониба мусоидат мекунад.

Аз нуктаи назари олимону муҳаққиқон имрӯз дар ҷомеаи мо нисбат ба сарнавишти истифодаи забони давлатӣ бештар, се ақида вуҷуд дорад. Ақидаи аввал ақидаи расмии давлатии мо мебошад, ки асоси онро густариши ҳамаҷонибаи забони модарии мо ҳамчун забони давлатӣ ташкил мекунад.

Дар давраи Истиқлолият бо фаро расидани шароити мусоид барои инкишофи забоншиносии миллӣ тамоми монеаҳои сунъии сиёсиву назариявӣ ва идеологӣ бардошта шуд. Дар ин давра бо дар амал пайдо шудани сиёсати воқеан миллии забони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Президенти кишвар, Эмомалӣ Раҳмон нақши забони тоҷикӣ ба ҳайси забони давлатӣ афзуд. Махсусан, асарҳои Президенти кишвар, суханронҳои ӯ дар маҳфилу чорабиниҳои гуногун, муайян кардани самтҳои асосии инкишофи забон ва забоншиносии тоҷик нақши бунёдӣ ва роҳнамоӣ доштанд. Бояд гуфт, ки ақидаҳои Президенти кишвар на танҳо хусусиятҳои назариявӣ, балки хусусиятҳои амалӣ низ доранд. Чунонеки дар яке аз суханрониҳояшон ба муносибати рӯзи забон мефармоянд:

«Дар замони Истиқлолият забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ пайдо карда, дар асоси меъёрҳои таърихӣ ва адабӣ ташаккул пайдо мекунад ва тадриҷан вазифаи забони муошираги байни намояндагони миллатҳои гуногуни сокини кишварро ба дӯш мегирад. Аз ин рӯ, истиқлолияти давлатӣ ҳамчун омили воқеии эҳёи забони мо дониста мешавад.»

Ақидаи дуввум реша бар давраи Шӯравӣ ва равияҳои пантуркистӣ дорад. Тарафдорони ин ақида даъво доранд, ки забони тоҷикии мо танҳо дар Тоҷикистон амал мекунад ва берун аз ҷумҳурӣ дигар кобили истифода нест. Дар ибтидои таъсиси Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои навиштани таърихи Тоҷикистон намояндагони ҷумҳурии ҳамсоя аз мутахассисони мо талаб мекарданд, ки таърихи моро фақат дар ҳудуди қаламрави Тоҷикистони кунунӣ таҳия кунанд. Гӯё Самарқанду Бухоро ё Балху Ҳироту Нишопур ба таърихи тамаддуни мо тамоман иртибот надорад.

Ақидаи сеюм аз он иборат аст, ки гӯё забони тоҷикӣ асос ва заминаи илмӣ ва таърихӣ надорад ва он гӯё барои тақсимбандии забони ягонаи форсӣ ба таври сунъӣ имзогузорӣ шудааст. Лекин таърихи беш аз дуҳазорсолаи забони тоҷикӣ собит мекунад, ки ин забон пояҳои таърихӣ дорад.

**Забони мо чу дарёи дамон аст,**
**Ба қаъраш гавҳари тобон**
**ниҳон аст.**
**Забони тезу бурротар зи алмос,**
**Силоҳи ҷовидони тоҷикон аст.**

Оре, пешрафт ва рушди ҷомеаро бе забон ва воситаҳои ахбори умум тасаввур кардан мушкил аст. Яъне, одамон дар якҷоягӣ бо ибрози фикру ақидаҳои хеш ба пешарфт ноил мегарданд. Забони тоҷикии мо қарнҳои зиёди таърихиро аз сар гузаронида, обутоб хӯрдааст. Маҳз табассути ҳамин забон халқи тоҷик ҳастии худро ҳифз намуд.

**Дар ҳадду сарҳадшиносии ҷаҳон,**
**Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст.**
**То забондор аст, ватандор аст ӯ,**
**То забондор аст, биёр аст ӯ.**

Баъди Инқилоб ва арзи ҳастӣ намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи нави инкишофи забони адабии тоҷик ва забони гуфтугӯии мардум наздик гардид. Тавлиди асарҳои устод Айнӣ мисли «Одина», «Дохунда», «Ёддоштҳо», «Марги судхӯр», «Ҷаллодони Бухоро», «Ятим» ба рушди забони тоҷикӣ мусоидат намуда, боғи фарҳангии миллатро зиннат доданд. Минбаъд нависандагони муосири тоҷик мисли М. Турсунзода, Ҷ. Икромӣ, С. Улуғзода, Ҳ. Юсуфӣ, М. Қаноат, Л. Шералӣ ва дигарон мисли гузаштагони худ чароғи забони модариро фурӯзон доштаанд. Барҳақ, шоири тавоно Мӯъмин Қаноат мегӯяд:




**... Бахри ман танҳо забони**
**модарист,**
**Ҳамчу шири модар аст.**
**Бахри ӯ ташбеҳи дигар нест, нест,**
**Чунки меҳри модар аст.**

Бале, ҳастии ҳар як халқу миллат ба забони ӯ марбут аст. Ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон низ вазифадор аст, ки забони модарии хешро гиромӣ дошта, дигаронро низ бахри фарогирии он талқин намояд. Татбиқи ҳамаҷонибаи Қонуни забон дар ҳаёт ба нангу ори мо вобаста аст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ҷомеаи имрӯза халқи тоҷик бо забони миллии худ мефахрад. Ин дастоварди бебаҳои миллӣ мебошад.

Мақоми давлатӣ пайдо карданӣ Қонуни забон бори дигар моро ба донистани нозукиҳои забони модарӣ ҳидоят мекунад. Аз ин рӯ, бағоят навистану донистани меъёр ва қоидаҳои забон ҳастии рукни миллатро таъмин мекунад. Илова бар ин, лозим аст, ки ба забони модарии худ садоқат ва муҳаббати бепоён дошта бошем, зеро эҳёи забон мероси бузурги мо хоҳад буд.

**Саидзода Сино,**
**донишҷӯи курси 2 – юми**
**ихтисоси 1- 25010410**

# ҲАМЕША МУВАФФАҚ БОШ, ОМӮЗГОР!

**"Агар муаллим барои тафаккури насли наврас хизмат намекард, зиндагӣ як лаҳза ҳам пеш намерафт"**

**С. МАКАРЕНКО**

ОМӮЗГОР - вожае, ки барои фарзанди инсон ошною муқаддас. Зери ин калимаи бузург омӯзандаи илму дониш, фарҳангу адаб ва пешвою оинаи миллат таҷассум меёбад. Омӯзгор шахси барумандест, ки аз хурдӣ инсонро илму адаб омӯхта, ӯро ба воя мерасонад. Ӯ бузургшахсест, ки дар баробари волидайн касро олами маънӣ меомӯзонад.

Сарчашмаи ҳамаи хушиҳо, ободии ҳамаи маҳфилҳо, бузург гардидани ҳамаи шогирдони баркамол маҳз ба омӯзгорон вобастагӣ дорад. Омӯзгорон вазифаи ниҳоят душворро ба зимма гирифта, дар зиндагии пур аз розу ниёз тифли инсониятро тарбия менамоянд, илм меомӯзанд, ки чандон кори осон нест.

Ба қавли бузургон омӯзгор муҳандиси рӯҳии инсон аст. Тавре ки муҳандис нақша ё созмони ягон кореро ташкил медиҳад, омӯзгор низ аз рӯзи аввал ба шогирдон адаб меомӯзад ва онҳоро ба ҳаёти солими оянда омода месозад. Омӯзгорро оинаи халқ мегӯянд. Оинае, ки ба он нигариста камбудиву нуқсонҳоро бартараф мекунанд. Яъне омӯзгор ибратомӯзест, ки ҳар каломи ҳар нигоҳу ҳар қадамаш саропо ибрат аст.

Хуррам онест, ки сазовори номи бузурги ин касби пуршараф аст. Омӯзгорӣ касби ниҳоят пурифтихор аст ва омӯзгор касест, ки ҳамеша дар ҷустуҷӯи навоварист. Аммо донистану аз худ кардани навоварию ҷамъи рафтору гуфтори нек ба ҳар кас ба осонӣ муяссар намешавад. Чандон осон нест, аз тифле, ки аз олами маънӣ хабаре надорад, олиме сохт.

Даме, ки устод шогирди ба ҷон парвардаашро рӯи коре мебинад, беихтиёр мефахрад, ки нахли парвардааш самаре додааст. Меболад, ки тавонистааст, маҳсули заҳмати беандоза ва дастранҷи заҳматталаби хешро бо бузурге пайваста.

Омӯзгор барои тарбия ёфтан, ба камол расидан ва бузург гаштани ҳар як шогирдаш кӯшиши беандоза мекунад. Зеро шогирди хуб ифтихори ӯ мегардад. Дуруст аст, ки омӯзгор роҳнамову нишондиҳанда, созкору ибратомӯз ва мададрасони фарзанди инсон дар роҳи ростиву росткорӣ ва омӯзишу бурдбориҳост.

Хулоса, омӯзгор касест роҳнамою ҳидояткунанда, мӯнису ғамхор, дӯсти беғаразу ислоҳкори нуқсонҳои инсон. Омӯзгор пешвою омӯзандаи алфози нек, таҷассумгари ростию росткорист, ки машҳуртарин бузургони рӯи оламро навиштану хондан ва гуфтору рафтори дуруст омӯхтааст.

Барои ҷуброни меҳнати пурмашаққату дили саршори пур аз меҳру муҳаббати бузурги омӯзгор аз осмон ситора овардан, аз қаъри замин ганҷ бурун овардан, кӯҳҳоро паст сохтан, замину замонро гулзор кардан кам аст, кам...

Аз ин лиҳоз, кулли омӯзгорони донишгоҳро бо иди касбиашон «Рӯзи омӯзгор» муборакбод гуфта, барояшон сиҳатмандӣ ва сари баланду саодати рӯзгорро орзу мекунам. Ҳамеша муваффақу комёб бошед, омӯзгорони арҷманд!

**Мутрибахон ЭШОНОВА,**
**омӯзгори кафедраи забони тоҷикӣ**

# АКСИЯИ ТАРҒИБОТӢ – ТАШВИҚОТӢ: ШИРКАТ ДАР ИНТИХОБОТ МАСЪУЛИЯТИ ҲАР ЯК ШАҲРВАНД АСТ



Рӯзи 16-уми сентябри соли 2020 аз ҷониби масъулини корҳои тарбиявии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Бахши кор бо ҷавонон ва варзиши ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе, Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷиҳати расонидан ба самъи ҷавонон, сокинон ва меҳмонони пойтахт вобаста ба иштироки фаъолона доштан ва қарзи шаҳрвандии хешро дуруст ба ҷо овардан дар маъракаи муҳими сиёсӣ - интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 11-уми октябри соли ҷорӣ баргузор мегардад, бо тақсимоти варақаҳои иттилоотӣ аз ҷониби ҳайати кормандон ва донишҷӯён-аъзоёни фаъоли маҳфили волонтёрии «Эко+» дар назди КВД «Саховат» ва маҳаллаи 46 – уми пойтахт аксияи тарғиботиву ташвиқотӣ таҳти унвони «Ширкат дар интихобот масъулияти ҳар як шаҳрванд аст» баргузор гардид.

Дар чорабинӣ муовини ректор оид ба тарбия З. Юсупова, мудири шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиш М. Шеров, намояндагони сохтори корҳои тарбиявӣ ва донишҷӯён-аъзоёни фаъоли маҳфили волонтёрии «Эко+» ширкат варзиданд.

Мақсад аз ташкил ва баргузории чорабинӣ ба таври возеҳ ва дуруст фаҳмонидани моҳият ва мӯҳтавои иштироки шаҳрвандон, бахусус ҷавонон дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар доираи баргузории чорабинии ташвиқотию таблиғотӣ варақаҳои зиёди иттилоотӣ ба сокинону меҳмонони шаҳри Душанбе тақсим карда шуд.

**Г. Бобокалонова,**
**мутахассиси шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиш**



# ОМОДАГӢ БА ИНТИХОБОТ

25-уми сентябри соли равон дар толори Шӯрои олимони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар доираи нақша - чорабиниҳои Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе ҷиҳати таблиғи самтҳои асосии Барномаи пешазинтихоботии номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон вохӯрии судманд анҷом дода шуд.

Дар вохӯрӣ муовини ректор оид ба тарбия Юсупова З.Р., мудири шуъбаи кор бо ҷавонони КИ ХҲДТ дар шаҳри Душанбе ва ҳамзамон роҳбари ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон "Созандагони Ватан" дар шаҳри Душанбе Ҳамидзода Н., мутахассисони соҳа ва аъзоёни фаъоли ТҶҶ «Созандагони Ватан»-и донишгоҳ ширкат варзиданд.

Вохӯриро З.Юсупова ҳусни оғоз бахшида меҳмононро хайрамақдам гуфтанд. Сипас, меҳмонон иштирокчиёни ҳамоишро доир бо самтҳои асосии Барномаи пешазинтихоботии номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ХҲДТ шинос намуда, ҳамзамон аз рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоӣ, маориф ва илм, ҷавонон, занон ва варзиш, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ғамхориҳои пайвастаи Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбати ҷавонон ёдовар шуданд.

Ичунин таъкид гардид, ки бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдату якдилӣ дар партави иқдомҳои ҷавонпарваронаи Раиси муаззами ХҲДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон "Созандагони Ватан" 10 сол аст, ки хизмати содиқонаи худро дар тарбияи ватандӯстиву худшиносии ҷавонон ба ҷо оварда истодааст.

Дар навбати худ иштирокчиёни вохӯрӣ иброз доштанд, ки дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ фаъолона иштирок намуда, раъйи худро бахри боз ҳам гулгулшукуфон гаштани Тоҷикистон ба ҷонибдории номзади арзандаи худ медиҳанд.

Дар охир Изҳороти Шӯрои марказии ТҶҶ "Созандагони Ватан" дар ҳошияи маъракаи муҳими сиёсӣ-Интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардид.

Ҳамзамон, ба ҳозирин шумораи махсуси нашрияи "Мароми пойтахт", ки дар он Барномаи пешазинтихоботии номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон нашр шудааст, тақсим карда шуд.

**Зафарҷони Исломуддин,**
**мутахассиси шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиш**

# ПЕШГИРИИ БЕМОРИҲОИ СИРОЯТӢ

Чанде пеш бо ибтикори шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиш ва маҳфили волонтёрии "Эко+" дар назди КВД "Бозори Саховат" аз тарафи аъзоёни маҳфили волонтёрии "Эко+"-и донишгоҳ ҷиҳати амалӣ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ, вобаста ба пешгирии беморӣ сироятӣ, бахусус, коронавирус (COVID-19) аксияи тарғиботӣ гузаронида шуд.

Аз ҷониби аъзоёни маҳфил ба сокинони пойтахт ва фурӯшандагони бозори мазкур ҷиҳати баландбардории маълумотнокии онҳо вобаста ба масъалаи пешгирии бемориҳои сироятӣ, алалхусус коронавирус, риояи гигиенаи шахсӣ ва тавсияи қоидаҳои беҳдошти саломатӣ варақаҳои тарғиботӣ тақсим карда шуд.

**Х. ТУРОНШОЕВ, мудири шуъбаи тарғиботӣ-фарҳангӣ**



# РӮДАКӢ РАФТУ МОНД ҲИКМАТИ Ӯ...

Нури ҷаҳонгири илму адабиёт, вуҷуди пур аз ганҷу хирад ва фазлу ҳикмат, алломаи Шарқ устоди шоирону мусикинавозон, асосгузори адабиёти классикии тоҷику форс Абуабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад соли 858 дар яке аз деҳаҳои хушманзари водии Зарафшон - рустои Панҷрӯд, ки ҳоло дар ноҳияи Панҷакент воқеъ гардидааст, чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Падари шоир Муҳаммад ном дошта фарзандашро аз вақти таваллуд Ҷаъфар садо мекард. Абуабдуллоҳ номи эхтиромии шоир мебошад, ки чунин номи бузург танҳо ба ашхосе дода мешуд, ки олим, шоир, ва боэхтирому боobрӯ буданд, аз ҳамин лиҳоз волидони Ҷаъфар дертар ӯро Абуабдуллоҳ ном мебурданд. Ӯ аз хурдсолӣ истеъдоди бузург зоҳир намуд. Қайд намудан зарур аст, ки ҳисси эҷодкорӣ ва шеъру ғазалнависӣ дар Рӯдакӣ аз овони наврасӣ дида мешуд. Пӯшида нест, ки шоири тавоно дар синни 8-солагӣ Қуръонро ба тамом ҳифз намудааст. Рӯдакӣ дар баробари навиштани шеъру ғазал ба навохтани ӯду рӯд, барбату чанг, танбуру най мепардохт ва ба хубӣ аз уҳдааш мебаромад.



Ривоятхое ҳаст, ки мегӯянд: Рӯдакии бузург дар мутрибӣ ва ромишгарӣ маҳорати моҳирона дошта дар дарбори шоҳони замонаш баъзан ғазалҳояшро бо оҳанг қироат мекардааст. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки шоири тавонову серҳунар дар пайдоиши мусиқии халқӣ низ саҳми хосса дорад. Рӯдакӣ асосан дар замони ҳукмронихои Исмоили Сомонӣ (892-907), Аҳмад ибни Исмоил (907-914), Насри II умр ба сар бурдааст.

**Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,**
**Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме…**

Ин ғазалро шоир барои баргаштани амир Насри 11 аз Ҳирот ба Бухоро эҷод намуда, ӯро дар назди амир ва дарбориёнаш бо оҳанг месарояд. Аз таъсири шеъри ҷаззобу дилкаш Насри 11 мафтун гардида як ҷуфт мӯзаро пӯшида ҷуфти дигарашро напӯшида шитобон савори асп шуда роҳи Бухороро пеш мегирад.

Бузургии шоир аз ин маълум аст, ки ӯ зиёда аз 20 (бист) унвонро соҳиб гашта буд, ба мисоли «Устоди шоирон», «Соҳибқирони шоирон», «Султони шоирон», «Ҳакимушшуаро», «Одамушшуаро» номдор аст. Осори Рӯдакиро қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ, маснавӣ ташкил медиҳанд. Достони «Калила ва Димна», «Синдбоднома», «Даврони офтоб» қасидаҳои «Модари май» ва «Шикоят аз пирӣ» аз Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба мо мерос мондааст.

Устод Рӯдакӣ худ рафта бошад ҳам, аммо номи некаш то абад вирди забон хоҳад буд, чунки эҷодиёти пурмазмуну пурмухтавояш номи ӯро то абад зинда нигоҳ медорад. Тавре гуфтаанд:

**Зиндаву ҷовид монд, ҳар кӣ**
**накӯном зист,**
**К-аз ақибаш зикри хайр зинда**
**кунад номро.**

**Манижа ҲАЙДАРОВА,**
**корманди китобхонаи илмии ДТТ**

# ВОХӮРӢ БО КОРМАНДОНИ ХОҶАГИДОРӢ

Дар доираи нақша-чорабиниҳои сохтори корҳои тарбиявии донишгоҳ 17-уми сентябри соли ҷорӣ дар саҳни донишгоҳ вохӯрӣ бо кормандони хоҷагидории донишгоҳ оид ба пешгирии бемории сироятии коронавирус (COVID19) гузаронида шуд, ки дар он муовини ректор оид ба тарбия Юсупова З.Р., мудири шуъбаи ташкилӣ-тарбиявӣ Хусенов Н.Б., мудири шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиш Шеров М.Н., мудири бахши кор бо занон ва духтарон Комилова Н.Р. ва намояндагони шуъбаи хоҷагидории донишгоҳ иштирок доштанд.

Саравввал З. Юсупова оид ба ғамхориҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба занону бонувон, дастгириҳои Ҳукумати мамлакат ва Раёсати донишгоҳ суханронӣ намуда, таъкид намуданд, ки бахри тозаву озода нигоҳ доштани саҳни донишгоҳ, синфхонаҳо ва гирду атрофи он, хуллас риояи қоидаҳои санитарию гигиенӣ ба пешгирии бемориҳои сироятӣ, бахусус пандемияи Covid-19, мусоидат хоҳад кард.

Дар фарҷоми вохӯрӣ комендантҳо ва фаррошон ибрoз доштанд, ки гуфтаҳои намояндангонро ба инобат гирифта, онҳоро дар фаъолияти харрӯзаашон амалӣ хоҳанд кард.

**З. ЮСУПОВА,**
**муовини ректор оид ба тарбия**



# ФЕСТИВАЛИ ДӮСТИИ ҶАВОНОНУ ВАРЗИШГАРОН

Бо ибтикори Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе, тахти сарпарастии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва Федератсияи футболи Тоҷикистон, дар пойтахти мамлакатамон Фестивали дӯстии ҷавонону варзишгарон таҳти унвони “Зебоӣ, доноӣ ва тавоноӣ аз варзиш аст!” баргузор гардид, ки он аз 3-юми сентябр то 15-уми сентябр идома ёфт.

Дар фестивали мазкур варзишгарони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз намуди футболи хурд (миёни писарон), волейбол (миёни духтарон), шоҳмот ва гӯштини миллӣ ширкат варзида, сазовори ҷойҳои намоён гардиданд.

Аз ҷумла, аз намуди шоҳмот Раҳимова Сумайя сазовори ҷойи 2-юм гардид.

Дар ҳисоби даставӣ бошад, донишгоҳ ҷойи 3-юмро сазовор шуд.

Аз намуди гӯштини миллӣ дар вазнҳои 70 ва 75 киллограм Ҷабборов Саидамон ва Шоев Фатҳулло сазовори ҷойи 3-юм гардиданд.

**Маҳмадалӣ ШЕРОВ,**
**мудири шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиш**

Ифтихор аз он дорам, ки соҳибдавлатам. Шукри онро мекунам, ки ҳамчун ҷавони нахли Истиқлол дар даврони гулгулшукуфии Ватани азизам ва дар зери сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон умр ба сар мебарам. Бешак, сулҳу ваҳдат ва оромии Тоҷикистон аз ҳар гӯшаи ҷаҳон бароям волотар аст.

Имрӯз мо ҷавонон бояд аз гузаштаи худ ҳамаҷониба огоҳ бошем, иштибоҳеро, ки дар даврони на он қадар дури таърихӣ рух дода буд, такрор накунем. Яъне лаҳзае фаро расидааст, то мо ҷавонони соҳибақлу қавиирoдаи кишвар дарк созем, ки пешрафта аст, метавонад манфиатҳои миллии худро дар дохили дигар давлатҳо амалӣ намояд.

Дар раванди бархӯрди давлатҳои абарқудрат вазифаи ягонае, ки дар назди ҳар як соҳибватан меистад, ин ҳифзи манфиатҳои миллӣ аст. Манфиатҳои миллӣ гуфта, мо бояд пеш аз ҳама сулҳу ваҳдат, истиқлолият, оромиву осудагии шаҳрвандони кишвар, рамзҳои давлатӣ, таъриху тамаддун ва расму оини хешро пеши назар биорем.

Давлатҳои манфиатхоҳ бахри амалӣ намудани мақсадҳои сиёсии худ маҳз ҷавононро суистифода менамоянд ва исбот ҳам шудааст, ки паё-

# ҶАВОНОН ВА ҲИФЗИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ

тақдири имрӯзуояндаи миллат, ҳифзи манфиатҳои милливу таъмини суботу амнияти кишвар бар дӯши мо гузошта шудааст. Лаҳзаест, ки дар раванди глобализатсия ва дигаргуншавии тамаддунҳо манфиат ва зарари худро дарк кунем, то фирефта ва бозичаи дасти дигарон нагардем.

Ба ҳамагон маълум аст, ки давлату ҳукумат қудрате дорад, ки ҷавонони ояндасозро бахри фардои ватан омода намояд. Дар баробари ин, ҳукумати кишвар тамоми кӯшишу имкониятҳои хешро бахри ба воя расонидани насли комилу дорои сифатҳои неки инсонӣ ва босаводу тарбиятёфта равона кардa истодааст. Баъди ба даст овардани Истиқлолияти миллии хеш кишвари мо сиёсати “Дарҳои кушода” – ро роҳандозӣ намуда, бо тамоми кишварҳои ҷаҳон муносибатҳои густурдаро пеш гирифтааст. Ташкили стипендия ва квотаҳои президентӣ, таҳсил дар дилхоҳ донишгоҳҳои дохилу хориҷи кишвар, озодона кору фаъолият кардан, маҳз аз дастгириҳо ва сиёсати пешгирифтаи Пешвои муаззами миллат дар самти ҷавонон мебошад. Муносибатҳои озоди иқтисодӣ бо давлатҳои пешрафта, истеҳсоли молҳои рақобатпазир кунанда-дошта ва ҷалби сармояи хориҷӣ рӯз то рӯз равнақ ёфта истодааст. Дар баробари ин, мо ҷавононро мебояд, ки манфиатҳои миллӣ – иқтисодии худро ҳифз кунем, чархи иқтисоди миллии хешро ба пеш равона созем. Чун ҳар давлате, ки аз лиҳози иқтисодӣ мади дилхоҳ амалҳои манфӣ аз заъфи донишҳои сиёсист. Бинобар ҳамин, Президенти кишвар доимо таъкид мекунанд, ки ҷавонон бояд хушёриву зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд, аз гузаштаи худ огоҳ бошанд ва бахри ҳифзи манфиатҳои миллии худ содиқона камари ҳиммат банданд. Яке аз роҳҳои асосие, ки кишварҳои манфиатҷӯ бо мақсади ҷалб ва гумроҳ кардани ҷавонон истифода мебаранд, ин интернет аст. Онҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ бо ному насабҳои мустаор ва дар аксари мавридҳо духтарона, бо тарзу усулҳои гуногун бо дилхоҳ шахс шинос мешаванд. Баъди омӯхтани пурра ва аз наздик шинос шудан нуктаҳои заифии онҳоро истифода намуда, ба сафи худ даъват мекунанд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки Тоҷикистон аз лиҳози шумораи аҳолӣ яке аз ҷавонтарин кишварҳо дар дунё ба ҳисоб меравад. Яъне 70 дарсади аҳолии кишварро шахсони то 30 сола ташкил медиҳанд. Бинобар ҳамин, давлату ҳукумати кишвар ба ҷавонон, ки созандаву муаррификунандаи миллат ба ҳисоб меравaнд, умеди зиёд дорад.

Пас, моро зарур аст, ки аз донишҳои баланди муосир, тафаккури сиёсӣ, таҳлили дақиқи равониву ақидавӣ бархӯрдор бошем.

**Зафарҷони ИСЛОМУДДИН,**
**мутахассиси шуъбаи кор**
**бо ҷавонон ва варзиш**

# ТАҲСИЛОТИ ДУХТАРОН ВА РАҚОБАТПАЗИРИИ ОНҲО ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТ

**(Аввалаш дар шумоари гузашта)**

16. Илова ба норасоии дониш, аксари духтароне, ки дар мактаб номнавис нашудаанд, барои пайдо кардани кори муносиб ва мавкеи худ дар ҷомеа ва ҳаёт малакаи касбӣ надоранд. Аксар вакт онҳо одатан аз оламӣ беруна ҷудо карда мешаванд.

17. Онҳо инчунин дар соҳаи соҳибкорӣ кам маълумот доранд, дар бораи имкониятҳои шуғл ва инчунин кушодани тиҷорати худ маълумоте надоранд.

18. Аксар вакт занҳои ҷавоне, ки наметавонанд худро таъмин кунанд, манбаи даромад надоранд, ҳадафи зӯроварӣ мегарданд. Дар ин росто омӯзиши духтарон ба малака ва касбҳои техникӣ ва соҳибкорӣ аҳамияти калон дорад. Омӯзиши касбҳои техникӣ ва иқтисодӣ метавонад ҳаёти онҳоро тағйир диҳад.

19. Дар баробари эътиқоди ичтимоӣ ва хуруфоти динӣ, камбизоатӣ монеаи асосии таҳсилоти духтарон бокӣ мемонад. Духтароне, ки дар синни барвакт мактабро тарк мекунанд, асосан аз оилаҳои камбизоат мебошанд. Аз сабаби маҳдудияти захираҳои молиявӣ, бисёр волидон дар гирифтани маълумот ба писарон бартарият медиҳанд ва чунин мешуморанд, ки духтарон он қадар муҳим нестанд.

20. Каҷфаҳмии бархе аз волидон, ки гӯиё духтарашон ба мактаб рафтаву бетарбия ва ё бероҳа мегардад, монеи таҳсили бархе аз духтарон шудааст.

21. Аксар мардҳо барои дарёфти маблағ ба муҳоҷират рафтаанд. Дар оила фақат занҳо мондаанд. Пас, тарбияи фарзандон пурра ба дӯши модар мондааст. Модари бесавод чӣ гуна метавонад фарзанди комилро тарбия намояд?

22. Баъзан боис мешавад, ки волидон ҳам барои "харидор" ёфтани фарзанди худ аз бахри таҳсили онҳо мегузаранд

23. Бештар роҳи дури мактабҳо ва ғайри тахассус будани устодон духтаронро аз мактаб мегурезонад ва намешавад дар ин маврид шахсиятҳои алоҳидаро гунаҳкор донист. Беҳтар аст, мактабҳои зиёде пӯшида ва устодони хирфаӣ ба кор кабул карда шаванд.

24. Баъзан квотаҳои духтарони кӯҳистонӣ аз сӯи бархе афрод харида мешаванд. Аксари мардуме, ки дар шаҳр ҳастанд, чунин квотаҳоро аз роҳе аз они худ мекунанд. Масалан, фарзандонашонро дар соли охири таҳсил ба кӯҳистон мефиристанд. Ҳамин тавр, кӯҳистоние, ки орзуи таҳсил дар донишгоҳро дорад, боз дар деҳааш мемонад.

Имрӯз, дар давраи нав, дар таърихи рушди Тоҷикистон, мақоми занону духтарон ва муносибати онҳо ба ҷомеа ва фаҳмиши нав, аз ҷумла ВАО ниёз дорад, чунки дар солҳои истиқлолияти Тоҷикистон занон кафили пешрафти ҷомеа дар роҳи истиқлолият дар соҳаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳаёт мебошанд.

## ПЕШНИҲОДҲО

1. Омӯзонидани фан аз синфи 1 барои мактабҳои навъи нав ва аз синфи 7 барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба роҳ монда шавад.

2. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун воситаи омӯзиши ҳамаи фанҳои мактабӣ таъмин карда шавад.

3.Ташвиқу тарғиби ихтисосҳои техникӣ дар байни аҳолӣ, аз ҷумла духтарон ҷоннок карда шавад.

4. Механизмҳои ҷалби духтарон ба донишгоҳ таҳия карда шавад.

5. Маъракаи баланд бардоштани тарғибу ташвиқот хубтар ба роҳ монда шавад.

6. Курсҳо ва семинарҳои омӯзишӣ дар мавриди интихоби ихтисосҳои техникӣ дар маҳалҳо ташкил карда шаванд.

7. Шароити зисти донишҷӯён дар хобгоҳ беҳтар карда шавад, то онҳо дар ҷойҳои зисти маҳалашон дар бораи шароити хуби донишгоҳҳояшон маълумот диҳанд.

8. Маркази таълимии «Технолог» барои курсҳои рӯзгордорӣ таъсис дода шавад;

9. Гузаронидани тренингҳо ва семинарҳо барои донишҷӯён зиёд карда шаванд;

10. Барориши видео, буклетҳо ва дигар маводҳои иттилоотӣ оид ба шароити таҳсил, истиқомат, ҳаёти донишҷӯӣ, иштирок дар лоиҳаҳои байналмилалӣ ва ғайра, ки иштироки духтаронро дар таҳсилоти олӣ таъмин мекунанд, зиёдтар ба роҳ монда шавад.

11. Баланд бардоштани сатҳи огоҳии бенефитсиарҳо дар бораи механизми ҳавасмандкунии духтарон барои дохил шудан ба донишгоҳҳо (онҳое, ки муассисаҳои таҳсилоти умумии миёнаи махсусро бомуваффақият хатм кардаанд.

12. Хубтар намудани сатҳи ҷалби хонандагон- духтарон ба донишгоҳҳо;

13. Беҳтар намудани сифати шароити зисти донишҷӯдухтарон дар хобгоҳи донишгоҳ;

14.Ташаккул додани малакаи касбии зарурӣ ва баланд бардоштани сатҳи шуғли хатмкунандагони мактабҳои олӣ аз ҳисоби духтарон;

15.Такмил додани сохтори идоракунии донишгоҳ, ки ба баланд бардоштани ҳавасмандии духтарони донишҷӯ равона шудааст;

16. Баланд бардоштани дараҷаи ҷалби намояндагони бозори меҳнат ва бахусус занони соҳибкори муваффақ ба раванди таълиму тарбияи донишҷӯдухтарон дар донишгоҳ;

17. Ҷалби шумораи донишҷӯдухтарон ба корҳои илмию тадқиқотӣ, ки вобаста ба интихоби касбҳои техникӣ аз ҷониби духтарон бахшида шудааст.

18. Хуб ба роҳ мондани маъракаҳои ташвиқу тарғиб дар миёни падару модарон ба хотири таҳсилоти духтарон.

**Мамлакат ҶАЙЧИЕВА,**
**сармутахассиси шуъбаи масоили иҷтимоӣ,**
**Фарзона САЛИМОВА,**
**омӯзгори фанни сотсиологияи кафедраи фанҳои гуманитарии ДТТ**
**Бону АШУРОВА,**
**мутахассиси шуъбаи масоили иҷтимоӣ**

# ОМӮЗГОРОНИ ЭҶОДКОР САРВАТИ ҶОМЕААНД

**«Муаллим ақл, шарафу виҷдони ҷомеа ва симои асосии он мебошад. Вай донишу заковат, гармии дили худро бедареғ ба фарзандони халқ медиҳад ва худро хушбахт мешуморад. Тарбия ва ташаккули хислатҳои ҳамидаи инсонӣ дар насли наврас, насле, ки пояи илму фарҳанги миллатро ба силсилаи пешқадами тамаддуни ҷаҳонӣ пайваст менамояд, ба устодону омӯзгорон вобаста аст»**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Мутафаккирони бузург дар соҳаи таълиму тарбияи насли наврас нақши муҳим бозидани омӯзгорро қайд намудаанд, ки таъсири муаллим нисбати инсон беҳниҳоят бузург аст. Бузургони гузашта ба илму дониш баҳои баланд дода, таъкид намудаанд, ки барои беҳтар кардани ҳаёт инсон бояд аз ақлу заковати хеш истифода намуда, илму дониши андӯхтаашро дар амал татбиқ карда тавонад.

Баланд бардоштани сатҳи дониш ва маҳорату малакаи насли наврас талаби тақозои замон аст, зеро танҳо бо ин васила мо метавонем дар пешравии ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангии кишварамон саҳмгузор бошем.

Муассисаи таълимӣ бахри насли наврас макони муқаддас аст. Ҳар саҳар онҳо бо табъи хушу болида роҳ сӯйи он гирифта, меҳоҳанд илму дониш омӯзанд, маҳорату истеъдоди худро рушду инкишоф диҳанд, то ҳамчун фарзандони бонангу номуси Ватани азизамон ба воя расида, хизмати онро софдилона ба ҷо оранд.

Фарогирии бомуваффақияти донишҳо бе шавқу завқи кӯдакон ба ҷараёни таълим дар литсей номумкин аст. Ҳамагон медонем, ки шакли асосии таълим дар муассисе ин дарс мебошад. Гарчанде хонандагон дар ҷараёни дарсҳо бо дониши амиқу мукаммал фаро гирифта мешаванд, лекин ин ҳам сатҳи талаботи онҳоро қонеъ нагардонида, меҳоҳанд, ки аз ақлу заковати хеш истифода намуда, донишҳои нав ба навро аз худ намоянд. Ин раванд омӯзгоронро водор месозад, ки ба корҳои берун аз синфӣ аз нуқтаи назари педагогӣ ҷиддӣ назар намуда, баҳри фаъолияти эҷодии хонандагон аз роҳу усулҳои нав ба нави таълим истифода баранд. Айни замон дар литсей гузаронидани як қатор ҷорабиниҳои беруназсинфӣ ба роҳ монда шудааст, ки онҳо барои инкишофи амиқи дониши хонандагон мадад мерасонанд.

Яке аз шаклҳои корҳои беруназсинфӣ, ки ҳамасола тахти роҳбарии ҷонишини директор оид ба корҳои таълимӣ, номзади илмҳои педагогӣ Аҷичимил Гулнора Ҷамиловна гузаронида мешавад, ин "Ҳафтаи илм ва инноватсия" мебошад. Ин иқдом аз ҷониби муаллима аз соли 2012 дар литсей ба роҳ монда шуда, то имрӯз идома дорад. Лозим ба ёдоварист, ки Гулнора Ҷамиловна дар ин самт бо омӯзгорони фаннӣ ҳамкории зич доранд. Маҳз бо дастгирӣ ва саъю талоши бевоситаи муаллима дар давоми ин солҳо як қатор омӯзгорони фаннӣ бо хонандагон лоиҳаҳои илмӣ-тадқиқотии хурди худро таҳия ва муаррифӣ намуда, ба муваффақиятҳо ноил гардидаанд. Муаллима доимо ба омӯзгорони фаннӣ дар интихоби мавзӯъ, тарзи таҳияи лоиҳаҳо маслиҳатҳои судманд дода, кумаки хешро мерасонанд. Дар навбати худ омӯзгорони фаннӣ тамоми он душвориҳоеро, ки дар давоми кор бо лоиҳаҳо ва хонандагон ба вуҷуд меоянд, маҳз бо дастгирии муаллима бартараф намуда, ба мақсадҳои дар пеш гузоштаашон комёб мегарданд.

Ҷунончӣ, рӯзи 19.09.2020 тахти роҳбарии Гулнора Ҷамиловна ва омӯзгорони фаннӣ дар толори литсейи инноватсионии «Душанбе», байни хонандагон "Ҳафтаи илм ва инноватсия" гузаронида шуд. Дар озмун 20 нафар шогирдони литсей лоиҳаҳои худро ба комиссияи тадорукот муаррифӣ намуданд. Бахши биология 3 нафар, бахши рӯзноманигорӣ – 4 нафар, бахши забон ва адабиёти тоҷик – 4 нафар, бахши таърих ва ҳуқуқ 3 нафар, бахши физика – 1 нафар, бахши забони англисӣ - 4 нафар, бахши забон ва адабиёти рус 1 нафар.

Хонандагон лоиҳаҳои худро дар мавзӯъҳои гуногун ба таври зайл муаррифӣ намуданд: Холова Мафтуна хонандаи синфи 11 "а" "Бемориҳои ҷигар, криохирургия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", омӯзгор Кокова С.С, Гулбарги Камолиддин хонандаи синфи 8 "б" "Садриддин Айнӣ ва Максим Горкий (ҳаёти нависандагон дар офаридаҳояшон)", омӯзгор Хайлоева Р.А, Назаров Шахром хонандаи синфи 6 "в" "Фарқият ва умумияти муассисаҳои таълимии Юнони Қадим аз замони муосир", омӯзгор Одинаева О.З, Ризоев Маҳмудҷон хонандаи синфи 8 "а" "Чорчархаи барқӣ" омӯзгор Расулзода Ф, Шарипова Сафия хонандаи синфи 11 "г" "Образ восточного мудреца в произведениях Темура Зульфикарова", омӯзгор Асоева Ф, Мирзоева Шакибо хонандаи синфи 8 "а" "Sherlock Holmes", омӯзгор Ахмедова М.

Аз ҷониби маъмурияти литсей иштироккунандагони озмун бо сертификатҳо мукофотонида шуданд. Дар даври шаҳрӣ хонандагони литсей лоиҳаҳои худро дар "Ҳафтаи илм ва инноватсия" рӯзҳои (21,22,23.09. 2020 - фанҳои табиӣ - риёзӣ ва забони англисӣ, 24.25.26.09.2020 фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод намуданд.

Маврид ба зикр аст, ки омӯзгорони эҷодкори литсей пайваста дар ҷустуҷӯйи роҳу усулҳои навини таълиманд. Маҳз бо васила и заҳмату талоши онҳо, шогирдони литсей сол то сол дар озмунҳои гуногун иштироки фаъолона намуда, на танҳо дар дохили литсей, балки берун аз он низ муваффақиятҳои назаррасро ба даст меоранд.

Бо истифода аз фурсати муносиб омӯзгорони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва литсейи инноватсионии "Душанбе"-ро бо иди касбиашон табрик намуда, барояшон сиҳатию саломатӣ ва барору комёбӣ таманно дорам.

**Р. ХАЙЛОЕВА,**
**омӯзгори литсейи инноватсионии "Душанбе"**

# ОЗМУНИ "ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ..."



Имрӯз ҳамагон дар замоне қарор дорем, ки фаъолият дар тамоми соҳа моро пайваста ба пеш рафтан талқин мекунад. Дар ин самт аз ҳама бештар маориф ва мактаб пешгом аст. Дар фаъолияти ҳамарӯзаи кории мо, омӯзгорон, навгониҳо чунон ворид мешаванд, ки каме бетарафӣ ва ё бепарвоӣ метавонад моро аз мақоми худ дур созад. Айни замон мо шоҳиди онем, ки ҳукумати мамлакат дар баробари амалӣ намудани тамоми чораҳои зарурӣ ҷиҳати тараққиёти иқтисодии кишвар ба бо ҳамин васила баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум, ҳамзамон барои пешрафти соҳаҳои иҷтимоӣ, алалхусус маориф ва таълиму тарбияи наврасону ҷавонон таваҷҷӯҳи доимӣ зоҳир менамоянд.

Айни замон қабули амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09.02.2019 №АП-1165 оид ба баргузории озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ..." бахшида ба сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 30- солагии Истиқлолият хеле қуллай аст. Ҳамагон хуб огоҳем, ки мақсад аз ташкили ин озмун пеш аз ҳама дар замири ҳар як фард баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти ҳофизаи фарҳангӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, бой гардонидани захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ ва фаъолгардонии доираи забондонӣ миёни қишрҳои мухталифи ҷомеа, аз ҷумла, хонандагону донишҷӯёни ҳамаи зинаҳои таҳсилот ба шумор меравад.



Аз ҷониби маъмурият ва омӯзгорони литсейи инноватсионии "Душанбе" низ ин иқдом байни хонандагон хеле хуб ба роҳ монда шуда буд. Ду нафар хонандагони литсей зери роҳбарии омӯзгор Д. Носирова ба даври дуюми озмун роҳхат гирифтанд: Дар даври ноҳиявӣ, ки 28. 08. 2020 дар муассисаи таҳсилоти умумии №72 баргузор гардид, хонандаи синфи 8 "б" Гулбарги Камолиддин дар номинатсияи "Осори адабиёти классик" ва хонандаи синфи 10 "д" Домуллоҷонова Сафина дар номинатсияи "Адабиёти ҷаҳон" фаъолона иштирок намуда, истеъдоди суханварии худро муаррифӣ намуданд. Дар ҷамъбасти озмун Гулбарги Камолиддин ҳамчун иштирокчии фаъол бо Ифтихорнома ва Домуллоҷонова Сафина ҷойи 2-юмро ишғол намуда, ба даври сеюми шаҳрӣ роҳхат гирифт.

Ташкил ва баргузории ин қабил чорабиниҳо байни наврасону ҷавонон бори дигар аз ғамхориҳои бевоситаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шаҳодат медиҳанд.

Дар навбати худ – мо, омӯзгоронро зарур аст, ки барои тарбияи насли наврас дар рӯҳияи одобу ахлоқи ҳамида, ватандӯстиву ватанпарастӣ, ифтихор аз ватан ва фарҳанги миллӣ саъю талош намоем. Талқин намудани хонандагон ба омӯзиши илму дониш, касбу ҳунар, забономӯзӣ, аз худ кардани техникаю технологияи муосир бар дӯши мо, омӯзгорон аст.

**Х. РОҲИЛА,**
**омӯзгори литсейи**
**инноватсионии "Душанбе"**

# СИМОИ НУРОНӢ

Устоди мо, муаллимаи фанни забони тоҷикӣ, доктори илмҳои филология Шарифова Гулистон Амриддиновна яке аз омӯзгорони шинохта ва ботаҷриба буда, дар таълиму тарбияи шогирдон ва тайёр намудани олимони ҷавон саҳми арзанда гузоштааст. Симояш нуронӣ, ҷашмонаш меҳрбор, гуфтораш хирадмандона ва дилписанд аст. Вақте сухан мегӯяд фикр мекунӣ, ки шеър мегӯяд, ҳангоме шеър мехонад, каломаш гӯшро навозиш мекунаду қалбро сурур мебахшад. Ва ҳамин навозишу латофати калом бо хиради комилаш ҷӯр гашта, ӯро миёни шогирдони бешумор азиз гардонидаву номашро вирди забонҳо намудааст. Дарахтеро мемонад, ки аз пурборӣ сар ба зер афкандаву меваҳои лазизаш коми садҳо ташнагони илму донишро шаҳдбор намудааст.

Муаллима муаллифи зиёда аз 50 мақолаҳои илмӣ, даҳҳо монографияю китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ-методӣ мебошад. Шогирдони устод имрӯзҳо дар бисёр вазифаҳои масъули сатҳи ҷумҳурӣ фаъолият доранд ва барои рушди соҳаи маориф ва шукуфоии ватани азизамон кӯшишу заҳмати беандоза менамоянд.

**Бе мураббӣ зери гардун муътабар натвон шудан,**
**Моҳи навро рафта-рафта чарх оламгир кард.**

Гулистон Амриддиновна се нафар фарзандони худро низ таълиму тарбия намуда ба воя мерасонад.

Фарзандон аз модари худ сипосгузор буда, ӯро дар зиндагӣ ҳамчун модари ғамхор, маслиҳатгари оила, устоди сахтгир мешуморанд ва ҳар саҳар, ки аз хона ба дарс мераванд ҳатман дуои некашро мегиранд.

**Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,**
**Шавад тира аз бехирад рӯзгор.**

Омӯзгори ботаҷриба метавонад ҷаҳонбинии шогирдон ва худшиносии миллии онҳоро бо роҳҳои гуногун ташаккул диҳад ва дар муносибат бо шогирдон ҳамдигарфаҳмиро ба вуҷуд оварад. Дар ташаккули тафаккур ва фаъолияти эҷодии шогирдон нақши хеле муҳим мебозад, ки ин хислатҳоро мо донишҷӯён дар симои Гулистон Шарифова мебинем.

Муаллимаи азиз Гулистон Шарифова ва дигар омӯзгорони донишгоҳро бо иди касбиашон – Рӯзи омӯзгор муборакбод гуфта, ба эшон тансиҳатӣ ва саодати рӯзгорро таманно дорем.



**Муҳиддинов Қ.,**
**Меҳринисои М.,**
**донишҷӯёни курси якуми**
**факултети технология**
**ва дизайн**

**ЗЕБОӢ**

# СУДУ ЗИЁНИ ҶАРРОҲИИ ПЛАСТИКӢ

**Солҳои охир теъдоди нафароне, ки ба ҷарроҳии пластикӣ рӯ меоранд, дар ҳоли афзоиш аст. Маълум гардид, ки дар Тоҷикистон ҷарроҳии пластикии бинӣ ва рӯй, ки бо номи "фейслифтинг" машҳур аст, бештар анҷом дода мешавад. Баъзан бо маслиҳати косметологҳо беморон барои анҷом додани ҷарроҳии пластикӣ розӣ мешаванд. Аммо бобати зарари ҷарроҳии пластикӣ ҳангомаҳо зиёданд, ки касро ба андеша водор месозанд.**

**Дар мавриди суду зиёни ин гуна амалиёт Эркин Исмоилов, ҷарроҳи пластикии шуъбаи ҷарроҳии пластикии маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо чунин маълумот пешниҳод намуд.**

## ҶАРРОҲИИ ПЛАСТИКИИ РӮЙ

Фейслифтинг (таранг кардани пӯсти рӯй) душвортарин ҷарроҳии пластикӣ ба ҳисоб меравад, ки он 4 – 5 соат тӯл мекашад. Ин навъи ҷарроҳиро низ бархе бо мақсади бартараф кардани нуқсонҳои дурушти рӯй, гурӯҳи дигар барои зебоӣ ва тағйир додани тарҳи рӯй истифода мебаранд. Анҷом додани ин намуди ҷарроҳӣ пас аз 28 – солагӣ иҷозат дода мешавад. Дар Тоҷикистон бештар нафарони аз 40 – сола боло аз ин навъи ҷарроҳӣ кор мегиранд. Синни мувофиқ барои гузаронидани чунин амалиёти ҷарроҳӣ 40 – 45 солагӣ аст.

Ду намуди ин навъи ҷарроҳӣ маъмул аст. Амали ҷарроҳӣ аз рӯйи пӯсту бофтаҳои дохилӣ ва кашидани пӯсти рӯйи бофтаҳои ҷуқур, ки одатан онро SMAS – система меноманд. Мӯҳлати ҷарроҳии навъи якум то як сол аст, ки ёзиши зиёди пӯстро ба вуҷуд меорад. Ҷарроҳии дувум то 8 – 10 сол ё умрбод боқӣ мемонад.

## ОРИЗАҲОИ БАЪДИ ҶАРРОҲӢ

Пас аз ҷарроҳӣ оризаҳо ба амал меоянд, ки то дергоҳ боқӣ мемонанд. Ёзиши пӯсти рӯй зиёд гардида, баъзан ба торҳои асаб латма мезанад. Агарчи чунин ҳолат мувaққатӣ ҳам бошад, то бартараф гардидани он таъсири манфии хешро мегузорад. Инчунин, баъзан дар рӯй осори он боқӣ монда, аз беэҳтиётӣ метавонад захролудшавии хун ба вуқӯъ ояд. Дар сурати анҷом додани ҷарроҳии пластикии рӯй набояд дар як вақт гирифтани пӯсти изофаи пилкони болоро амалӣ намуд, зеро пас аз ҷарроҳӣ рӯй варам карда, имкони дубора халта задани пӯст вуҷуд дорад. Дар як муддат анҷом додани ин ду намуди ҷарроҳӣ қатъиян манъ аст. Ҳамчунин, пас аз истифодаи сӯзандору барои зебоӣ ҷарроҳии пластикӣ набояд гузаронида шавад.

## ФОИДАИ ҶАРРОҲИИ ПЛАСТИКИИ БИНӢ

Дар соҳаи тиб ду навъи ҷарроҳии бинӣ мавҷуд аст: ринопластика ва септопластика. Ҳангоми афтидан ва ё ҷароҳат бардоштан бинӣ осеб дида, дар бисёре аз мавридҳо каҷ мешавад. Ҳамчунин, миёнадевори бинӣ шакли худро тағйир дода, роҳи нафасро маҳкам месозад. Дар ин сурат анҷом додани ҷарроҳии септопластика лозим меояд. Яъне, бо роҳи ҷарроҳӣ тағояки бинӣ рост ва сӯрохиҳои он васеъ карда мешавад, ки дар охир нафаскашии бемор озод мегардад. Ринопластика бо мақсади зебоиофарӣ анҷом дода мешавад: бинии калон ва ё аз ҳад хурдро ба тариқи ҷарроҳӣ муътадил карда, барҷастагии онро бартараф месозанд ва ғайра. Дар Тоҷикистон писарону духтарони аз 18 – сола боло аз ин навъи ҷарроҳӣ бештар истифода мебаранд.

## ЗИЁНИ ҶАРРОҲИИ ПЛАСТИКИИ БИНӢ

Ҳама намуди ҷарроҳии пластикӣ хатарзост. Ҷарроҳии пластикии бинӣ низ сарфи назар аз касбияти баланди табиби соҳа аз ин рӯйхат истисно нест. Тадқиқотҳо нишон доданд, ки ҳеҷ як ҷарроҳи пластикӣ наметавонад 100% кафолат диҳад. Пас аз ҷарроҳӣ мондани пай ва ё то дергоҳ боқӣ мондани варами он, нафастангӣ ва ғайра метавонад ба амал ояд. Дар ҳолати риоя накардани тавсияҳои духтур метавонад нуқсоне сар занад. Муҳимтар аз ҳама, ҷарроҳ бояд донад, ки аз ҳад зиёд хурд кардани бинӣ манъ аст. Зеро пӯсти бинӣ тира гардида, оризаҳо пайдо хоҳанд шуд. Барои бинии калонро муътадил кардан ҷарроҳӣ бояд ду маротиба сурат гирад, вале фосилаи байни онҳо набояд аз як сол кам бошад. Дар акси ҳол, оризаҳо пайдо гардида, кашиши пӯст таранг хоҳад шуд. Инчунин, то синни 18 ҷарроҳии ринопластика набояд анҷом дода шавад. Чунки дар ин давра устухонҳо дар ҳолати инкишоф қарор доранд ва бо мурури замон бинии хурдкардашуда ба ҷисми аллакай бузург мутобиқ нахоҳад кард.

**Аз маҷаллаи**
**"Бонувони Тоҷикистон" №157**

# ДАРАҶАИ ИЛМӢ МУБОРАК, УСТОДОНИ АРҶМАНД!



Таъсис ёфтани Комиссияи Олии Аттестатсионии ҷумҳурӣ, ки самари истиқлолият аст, ба рушди соҳаи илму маориф ва афзудани сафи олимону муҳаққиқони ҷавон имконияти мусоид фароҳам овард.

Далели ин гуфтаҳо аз ҷониби ҷавонони лаёқатманд муваффақона ҳимоя намудани рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ мебошад.

Боиси шодию фарахмандист, ки дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон низ сафи олимони ҷавон рӯ ба афзоиш аст.

Аз ҷумла чанде пеш ректори донишгоҳ номзади илмҳои техникӣ, дотсент Амонзода Илҳом Темур дар Шӯрои диссертатсионии 6.D. КОА - 009 СОҚ назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар мавзӯи “Сохторбандӣ ва хусусиятҳои хӯлаи алюминий Аж 2.18 бо элементҳои гурӯҳи II – IV системаи даврӣ” бомуваффақият рисолаи докторӣ ва муаллими калони кафедраи барномасозӣ ва муҳандисии компютерӣ Абдулназар Ғуломсафдаров дар Шӯрои диссертатсионии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон дар мавзӯи “Таҳияи зерсистемаҳои коркарди автоматии матнҳои забони шуғнонӣ” рисолаи номзадӣ дифоъ намуда, яке сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои техникӣ ва дигаре сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ гардиданд.

Раёсат ва ҳаяти омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур ва Абдулназар Ғуломсафдаровро бо соҳиб гардидани дараҷаҳои илмии доктори илмҳои техникӣ ва номзади илмҳои техникӣ муборакбод гуфта, ба онҳо дар фаъолияти минбаъдаи илмию омӯзгорӣ ва таҳқиқотҳои комёбиҳои нав ба наврo орзу менамоянд.



# САЛОМАТИИ ИНСОН ДАР ДАСТИ ХУДИ ӮСТ




Воқеан, ҳамин тавр аст. Агар ҳар яки мо дар асоси дастуру тавсияҳои табибон ва мутахассисони соҳаи тиб амал карда, қоидаҳои гигиению санитариро риоя намоем, бешак, гирифтори ҳар гуна беморӣ, бахусус бемориҳои сироятӣ намегардем.

Имрӯзҳо, ки пандемияи COVID – 19 саросари ҷаҳонро фаро гирифта, мардуми оламро ба ташвиш овардааст, аз ҳар як шахс масъулияти ҷиддиро ҷиҳати риояи хатмии қоидаҳои беҳдошти саломатӣ тақозо мекунад.



Ҳадафи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат дар бобати пешгирӣ ва пахн нагардидани ҳар гуна бемориҳои сироятӣ, бахусус коронавирус ҳифзи саломатии мардум ва дучори бухрони иқтисодию иҷтимоӣ нагардидани кишвар мебошад. Зеро саломатии мардум боигарии давлат маҳсуб меёбад.

Раёсати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон низ бо мақсади ҳифзи саломатии омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ, инчунин пешгирӣ ва пахн нагардидани ин беморӣ аз рӯзҳои аввали хуруҷи он тадбирҳои зарурӣро роҳандозӣ намуда истодааст. Аз ҷумла синфхонаю озмоишгоҳҳо, даҳлезу роҳравҳо ва ҳудуди донишгоҳу литсейи инноватсионии “Душанбе” ба воситаи хлор ва дигар маҳлулҳои антисептикӣ безарар гардонида шуда, назорати риояи қоидаҳои беҳдошти саломатӣ, аз ҷумла истифодаи никобҳо аз ҷониби омӯзгорону донишҷӯён ва хонандагони литсей дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст.

**Р. МАСЪУД**

ПАНДУ АНДАРЗҲО

## ЗИНДАГИРО БИПАЗИР, ЧУНОНЕ ҲАСТ



Дунё ҳамеша олудаи изтиробу машаққат аст ва онро шебу фарозҳои зиёдест, ки инсон дар доҳили он чашандаи ин гуна азобҳост. Падару модаре ва ё ҳамсареро наметавон пайдо кард, ки аз камбуд холиву орӣ бошанд. Ба таври мутлақ зани зеботарин ва марди хушсураттарини дунё нест, албатта як камбудие вуҷуд дорад. Дар дунё ҳама чиз муқобили худро дорад, чун шаб ва рӯз, сафед ва сиёҳ, бад ва нек, савоб ва гуноҳ, ғам ва хурсандӣ ва ғайра. Барои ҳамин зиндагиро бояд ба таври воқеӣ дид ва қабул кард. Пас, моро зарур аст, ки ҳамеша наздик бошем, авф кунем ва аз баъзе хатоҳо чашм бипӯшем.

## АЗ ТАЪНАИ БАДХОҲОН МАҲАРОС!



Аз гирумони бади дунё ва аҳмақон дилгир машав. Санги бузурги вазнине бош, зеро ҳазорҳо хасу хошок ва барфу лой бар сари санг зада, худ пора – пора мешаванд. Аммо санг побарҷо мемонад. Ба таънаву ҳамоқати пасти эшон диққат мадеҳ ва худро андармони он макун. Пайваста фикр кардани бадиву макқориву таънаву васвасаи бадгӯён боиси хароб гаштани ҳаётат мегардад. Дӯст доштани ҳамаро омӯз, ҳатто агар душманат бошад, зеро танҳо муҳаббат ба атрофиён метавонад забони таънаи душманонро бибандад.

## БА МУСИБАТЗАДА ДИЛБАРДОРӢ БОЯД КАРД



Дар дунё мусибатзадагон зиёданд ва дар ғаму ғусса ту танҳо нестӣ. Мусибати ту дар он аст, ки аз мусибати дигарон огоҳ нестӣ, огоҳ ҳам бошӣ хеле кам огоҳӣ. Дар дунё бемороне ҳастанд, ки солиёни дароз бистариянд, аз дард солҳост, ки фарёду нола мекунанд...

Ҳаёт чунин аст, ки хурсандиҳоро ғаму ғуссаҳо аз байн мебаранд, валангориву вайронагӣ ба сари қасрҳои баланду боло ҳукмронӣ мекунад. Имрӯз нафареро мебинӣ тамоми сарвату дороии дунё насиби ӯст, аммо рӯзе мерасад, ки ба тиккаи ноне зор мешавад, имрӯз инсонеро тануманду солим мебинӣ, аммо пагоҳ лоғару камқуввату бемору заиф мегардад. Пас, мисли кӯҳ сабур бояд буд, мусибати дигаронро чун мусибати худ бояд донист. Алъон, ки офияту бегазандиву беғамӣ насиби шумост, шукронаи Худоро гӯед, то чунин рӯзи некӯи шуморо бардавом бигардонад...

## ҲАСАД ВА ҲОСИД



Ҳасад устухонро мисли намак меҳӯрад. Ҳасад бемории бадест, ки аз он дар бадан фасод пайдо мешавад. Бо ҳасад хӯрдан гӯшти тан лоғар, хунхо ба ғаму ғусса олуда ва хобҳои бароҳат аз чашм меравад. Ҳасад дардест, ки бо он дард ҳеҷ гоҳ ачри нек ба соҳибаш намерасад, балоест, ки бо он нафари ҳасуди дар бало монда савобе намегирад. Ҳосид ҳамеша дар балову азобу шиканҷа аст, то он замоне, ки бимирад ё неъмати одамон аз дасташон биравад...

Фановар
Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.
САРМУҲАРРИР: Раҷабалӣ ШАРИФОВ

МУАССИС: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
Ҳайати таҳририя:
Амонзода И.Т., Тошматов М.Н., Юсупова З.Р., Ғаффоров А.А., Бобоев Х.Б., Юсупов М.Ч.
Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3

Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.

*Рӯзнома 04 июли соли 2017 таҳти рақами 007/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст.*

*Рӯзнома дар ҶДММ «Мега принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Теъдоди нашр 1500 нусха.*